СУРАТҶАЛАСАИ №163

ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-030-и назди Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ)

аз 05 ноябри соли 2026

Иштирок кард: Аз 16 нафар ҳайати шурои диссертатсионии аз ҷониби КОА назди Президенти ҶТ тасдиқшуда 16 нафар иштирок доштанд: Иматзода Л.М. – раиси шуро, Раҳимзода Х. – муовини раиси шуро, Котибова Ш.П. - котиби илмӣ, аъзоён: Негматов С., Латифзода Д.Н., Юнусова Н.М., Гулмадов Ф., Каримзода М.Б, Иззатова М.И., Туронов С.Ш., Махкамов Д., Лутфуллоева П.М., Обидова М.И., Рамазонова Р.С., Ҳакимова Ҷ.С., Ҷонмаҳмадова Г.Ш. аз ҷумла, 3 нафар докторони илм ва 3 нафар номзадони илм оид ба самти диссертатсияи баррасишаванда. Пешниҳод мешвад, ки ҷаласаи шурои диссертатсионӣ кушода шавад. Пешниҳоди дигар нест? Пешниҳод шуд, ки ҷаласа кушода шавад. Пешниҳод якдилона қабул шуд.

РӮЗНОМА

1. Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Азизӣ Муллобобо Ҷомеъиддин дар мавзуи «Асосҳои педагогии рушди таҳсилоти фарогир бо ҳадафҳои иҷтимоишавии бачагони дорои имконияташон маҳдуд дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ), тасдиқи муқарризони расмӣ ва муассисаи тақризиҳанда.

ШУНИДА ШУД:

Раиси шурои диссертатсионӣ, д.и.п., профессор Иматзода Л.М., аъзои комиссияи экспертӣ д.и.п., Каримзода М.Б., н.и.п., дотсент Котибова Ш.П., н.и.п., Туронов С.Ш. (хулосаи комиссияи экспертӣ замима мегардад) баромад карданд.

ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи Азизӣ Муллобобо Ҷомеъиддин дар мавзуи «Асосҳои педагогии рушди таҳсилоти фарогир бо ҳадафҳои иҷтимоишавии бачагони дорои имконияташон маҳдуд дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти

илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ) барои ҳимоя иҷозат дода шавад.

Ба сифати муассисаи пешбар **МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров"** таъин карда шавад.

Ба сифати муқарризони расмӣ: **Маҷидова Бибиҳафиза** - профессори кафедраи педагогикаи махсус ва таҳсилоти фарогири Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва **Ҳакимова Ҷамила Сайфуллоевна** - номзади илмҳои педагогӣ, сармутахассисаи шуъбаи педагогика ва методиками таълими Академияи таҳсилоти Тоҷикистон таъин карда шаванд.

Барои ҷойгирсозии эълони ҳимоя дар сомонаи шурои диссертатсионии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, вақти ҳимоя, нашр ва ҷойгир кардани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Пажӯҳишгоҳи рӯшди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ҳамчунин нашр ва паҳн кардани автореферат иҷозат дода шавад.

2. Рӯзи ҳимоя 25 декабри соли 2026 таъйин карда шавад.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои педагогӣ, профессор **Иматзода Л.М.**

Котиби илмии шурои
диссертатсионӣ, н.и.п., дотсент **Котибова Ш.П.**

Имзои Иматзода Л.М. ва Котибова Ш.П.-ро тасдиқ мекунам.

Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Ҳакимова Х.С.